«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
дотсент Набизода М.С.________
«__30__» ___марти___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Солеҳзода Шоира Солеҳ (13.02.1978, ш.Хуҷанд), адабиётшинос, номзади илмҳои филологӣ (2008), дотсент (2011). Дастпарвари факултети филологияи тоҷики «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» (2002). Сармуаллими кафедраи услубиёт ва маданиятн нутқ (2002-2010), дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик (аз с.2010). Ҳоло ба таълими фанҳои услубшиносӣ ва методикаи таълими адабиёти тоҷик машғул буда, муаллифи 2 монография, зиёда аз 100 мақолаи илмӣ, методӣ, 8 дастури таълим мебошад. Иштироккунандаи ҳамоиши байналмилалии «Румӣ-Гёте: «Муколамаи фарҳангҳо» бахшида ба 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ (Хуҷанд, 2007); ҳамоиши байналмилалӣ - «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо» (Хуҷанд, 2008); конференсияи байналмилалии «Ҷойгоҳи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар муколамаи фарҳангҳо (2014)»;

«Камоли Хуҷандӣ: Ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» (2016);

Соли 2008 дар мавзуи «Таҷнис ва хусусиятҳои он дар назми классикии форсу тоҷик (асрҳои 1Х-ХУ)» рисолаи номзадӣ ҳимоя намудааст.

***Осор:*** **Монографияҳо:** 1.Такмили фарҳанги нутқи хонандагон ва таҳкими арзишҳои миллӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – 210 с. 2.Таҳқиқ ва таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 350 с.

**Дастурҳои таълимӣ-методӣ:**

1.Абдуқодиров А., Пулодова Ш.С. Маданияти сухан: комплекси таълимӣ-методӣ). – Хуҷанд, 2014. – 110 с.

2.Пулодова Ш.С. Каломи бадеъ: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат 2019. – 132 с.

3.Пулодова Ш.С. Санъати таҷнис: дастури таълимӣ-методӣ / Ш. Пулодова. – Хуҷанд: Нури маърифат 2021. – 104 с.

4.Абдуқодиров А., Воҳидова Н.А., Пулодова Ш. С. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалисозии сиёсати давлатии забон дар МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». – Нури маърифат, 2024. – 182 с.

5.Пулодова Ш.С. Ҳусни баёни омӯзгор: (комплекси таълимӣ-методӣ). – Хуҷанд, 2024. – 120 с.

6.Солеҳзода Ш.С., Раҳмонзода Н.Р. Мутолиа, мулоҳиза, мубоҳиса. Ҷилди 2 (Андарзҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ): дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. – 150 с.

7.Солеҳзода Ш.С., Бобоева И.А. Мутолиа, мулоҳиза, мубоҳиса. Ҷилди 1 (Андарзҳои «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ): дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 170 с.

8.Солеҳзода Ш.С. Принсипҳои дидактикӣ ва усулҳои фаъоли таълим: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2026. – 160 с.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Негматов С.Э. узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъин шудааст.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва мавқеи он дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» хулосаҳои зерин бароварда шуд:

**Ҳадафи таҳқиқот** - асосҳои назарӣ ва методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои V-XI зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологизмҳои тоҷикӣ зимни таълими забон ва адабиёти тоҷик ва машғулиятҳои берунazсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Аз ҷумла, асолати ташаккул ва такмили фарҳанги нутқи хонандагон: маъно ва мафҳуми «фарҳанги нутқ»; ҷанбаҳои назарии фарҳанги нутқ; фарҳанги нутқи хонандагон дар сарчашмаҳои илмӣ ва дастурӣ; забони адабӣ - меъёри асосии фарҳанги нутқ; ҷанбаҳои назариву таърихии омилҳои рушди ҳусни баён; мавқеи илми баён ва маонӣ дар ташаккули нутқ; мафҳуми фасоҳату балоғат ва салосату ғановати калом дар рисолаҳои илми бадеъ; мафҳуми воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар сарчашмаҳои илмӣ; арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ дар афоризмҳои тоҷикӣ ва ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон; мавқеи афоризмҳо дар барнома ва китобҳои адабиёти тоҷик; вазъи умумии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар таълими забон ва адабиёти тоҷик; арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ дар воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии тоҷикӣ - чун манбаи инкишофи фарҳанги нутқи хонандагон; интихоби минимуми афоризмҳои тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; роҳҳои такмили фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик; воҳидҳои

паремиологӣ ва фразеологии забони тоҷикӣ чун маводи дидактикии таълим; воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии забони тоҷикӣ манбаи омӯзишу парвариш; роҳҳои такмили фарҳанги нутқи шифоҳии хонандагон зимни баён ва тафсири воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ; аҳаммияти корҳои хаттӣ дар инкишофи фарҳанги нутқи хонандагон; ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои бунёдӣ-назариявӣ, мушоҳида ва эмпирикӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** - бори нахуст дар илми педагогокаи ватанӣ методикаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии тоҷикӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуд;

- аҳаммияти воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун омили муассири ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавии онҳо дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳқиқи ҳамаҷониба пайдо кард;

- низоми асосноки илмӣ-методӣ дар робита ба таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ корбаст гардида, он ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон шароити таълимии мусоид фароҳам меорад;

- навъи хатоҳо дар истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ аз ҷониби хонандагон ошкор ва роҳҳои бартараф кардани онҳо муайян карда шуд;

- меъёрҳои интихоби асосноки воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ки ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон ва таҳкими арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ нигаронида шудааст, муқаррар гардид;

- низоми махсуси машқҳо таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки сатҳи дониш ва малакаи хонандагонро оид ба истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар нутқ баланд мебардорад;

- нақшаи чорабинии беруназдарсӣ барои ташаккул ва такмили фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ тоҷикӣ мураттаб карда шуд;

- малакаҳои таҳлили маънои вожаву ифодаҳо, такмил ва пурра кардани ҷумла ва матн, баёни мазмуну ғояҳои зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо; усулҳои фаъоли таҳлили воситаҳои образнок, эҷоди иншо ва эссе дар асоси нақша бо истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ пешниҳод гардид;

- усулҳои хоси таҳлил ва таҳияи матн, нақли шифоҳӣ ва хаттӣ бо истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар раванди таълими забон ва адабиёти тоҷик навгонии комили диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ**:

- таҳия ва тавсифи роҳу усул ва шаклҳои кор бо воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар доираи матнҳои таълимӣ, ки ба дарки таҷрибаи рӯзгор, ҳикматҳои ниёкон дар робита бо фарҳанги миллии халқи тоҷик дар заминаи омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ-маънавии хонандагон мусоидат мекунанд;

- коркарди низоми интихоби воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва шарҳи матнҳои адабии марбут ба мавзуъҳои алоҳидаи грамматикӣ, ки ба ташаккули салоҳияти забонӣ, иртиботӣ, адабӣ ва парвариши хислатҳои шоистаи хонандагон имкон фароҳам меорад;

- дарки афкори ғоявӣ ва андешаҳои амиқи ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ки дар шакли муҷаз, амиқ ва панду ҳикмат баён ёфтаанд ва дар таълиму тарбияи насли наврас мавқеи назаррас доранд;

- дар рисола аҳаммияти омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун омили рушддиҳандаи тафаккури интиқодӣ ва таҳлилии хонандагон собит шудааст;

- имконияти муайян намудани хусусиятҳои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ (зарбулмасал, мақол, афоризм, панд, ҳикмат ва воҳидҳои фразеологӣ) таҳлил гаштааст;

- методологияи ҳавасмандгардонии шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ тавассути мутолиаи осори адабӣ, матнҳои таълимӣ ва кор бо воситаҳои тасвирӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот:**

Рисолаи илмӣ барои истифодаи натиҷаҳои дар амалия санҷидашуда дар робита ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ёрии калони методӣ мерасонад. Аз ҷумла, омода кардани дастурҳои таълимӣ оид ба омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ; имконияти истифодаи маводи диссертатсия дар таҳқиқотҳои минбаъда; баланд бардоштани салоҳияти забонӣ, иртиботӣ ва адабии хонандагон тавассути воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ҷустуҷӯйи усулҳои нави кор зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва кор бо матни бадеӣ самаранок ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳияи низоми кор оид ба ташаккули малакаҳои нутқи хонандагон дар ҷараёни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик, гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ бо такя ба назарияи ҳунари суханварӣ, истифодаи силсилаи машқҳои пешниҳодшуда ҳангоми таҳриру такмили барнома ва китобҳои дарсӣ ва амсилаи машғулиятҳои таҳияшуда самаранокии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро такмил мебахшанд. Ҳамчунин низом ва

амсилаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки малакаҳои фарҳанги нутқи хонандагон пайваста такмил дода шавад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқот дар 19 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст:

**[1-М] Пулодова Ш. С., Маҳмадшоев М.** Мавқеи осори ғиноӣ дар ташаккули дониш ва зебошиносии муҳассилин // Номаи Донишгоҳ. – № 4 (69). – 2021. – С. 161-166.

**[2-М] Пулодова Ш. С.** Ҷойгоҳи Камоли Хуҷандӣ дар барномаи таълими адабиёти тоҷик // Номаи Донишгоҳ, №4 (73), 2022. – С. 245-251;

**[3-М] Пулодова Ш. С.** Арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ ва масъалаи тарбияи хонандагон // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, № 3 (27) 2023. – С. 9-14;

**[4-М] Пулодова Ш. С.** Роҳҳои такмили фарҳанги нутқи хонандагон зимни таҳлили осори манзум // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №4 (49), 2023. – С. 17-22.

**[5-М] Пулодова Ш. С.** Вижагиҳои таълими ашъори ирфонӣ дар дарси адабиёт // Номаи Донишгоҳ, № 4 (77), 2023. – С. 120-129.

**[6-М] Пулодова Ш. С.** Ташаккули дониш ва тарбияи миллӣ-ахлоқии муҳассилин // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, №2 (30), 2024. – С. 16-22.

**[7-М] Пулодова Ш. С.** Зарбулмасалу мақол – манбаи инкишофи нутқи хонандагон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, № 1 (50), 2024. – С. 48-58.

**[8-М] Пулодова Ш. С.** Арзишҳои миллӣ-ахлоқии панду ҳикмат ва истифодаи он дар таълими забони тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо, № 3 (55), 2024. – С. 268-276.

**[9-М] Пулодова Ш. С.** Таълими хониши мустақилона ва ҳифзи арзишҳои миллӣ // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №1 (45), 2024. – С. 64-73.

**[10-М] Пулодова Ш. С.** Пешвои миллат ва масъалаҳои тарғиб ва нашри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, № 2 (30), 2024. – С. 111-118.

**[11-М] Пулодова Ш. С.** Мавқеи Ҳофизи Шерозӣ дар барнома ва китобҳои дарсӣ // Номаи Донишгоҳ, № 1 (82), 2025. – С. 163-167.

**[12-М] Пулодова Ш. С.** Вазъи умумии омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар чараёни таълими фанни забони тоҷикӣ // Номаи Донишгоҳ, № 4 (85), 2025. – С. 288-294.

**[13-М] Пулодова Ш. С.** Ҷанбаҳои назарии маданияти нутқ дар сарчашмаҳои илмӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, № 1/ 4 (140), 2025. – С. 65-69.

**[14-М] Неъматов С. Э. , Пулодова Ш. С.** Забони адабӣ - меъёри асосии фарҳанги нутқи хонандагон // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №4 (52), 2025. – С. 55-61.

**[15-М] Пулодова Ш. С.** Мавқеи «Маснавии Маънавӣ» дар барнома ва китобҳои дарсӣ // Паёми Китобхонаи миллӣ, 2025, №4 (12). – С. 120-127.

**[16-М] Солеҳзода Ш. С, Кенҷазода М.С.** Ҳофизхонӣ – мактаби суханварӣ ва камолоти маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №1, 2026. – С. 346-353.

**[17-М] Солеҳзода Ш. С., Мирмухаммедова П.** Аҳаммияти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим // Номаи Донишгоҳ, № 1 (86), 2026. – С. 167-172.

**[18-М] Солеҳзода Ш. С., Раҷабов Б. М.** Инъикоси арзишҳои миллӣ дар назми Гулназар Келдӣ ва хусусиятҳои таълими босалоҳияти он // Паёми Донишгоҳи миллӣ, №2 (87), 2026. – С. 230-240.

**[19-М] Солеҳзода Ш. С., Раҳмонзода Н.Р.** Китоби насли нав - равзана ба оянда // Номаи Донишгоҳ, №2 (87), 2026. – С. 92 - 99

Рисолаи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи

онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» таҳқиқоти комил ва анҷомёфта буда, аҳаммияти илмӣ-методӣ дорад.

Диссертатсияи Солеҳзода Ш.С. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ пурра мувофиқ мебошад.

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» чунин меҳисобад, ки диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба дифоъ пешниҳод мегардад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима шуда, зимни он қарорҳои зерин қабул карда шудааст:

1. Диссертатсияи Солеҳзода Ш.С. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» кори анҷомёфта ҳисобида мешавад.

3. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Дар маҷлиси кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик дар ҳайати 16 нафар, аз ҷумла, доктори илм, профессорон: С.Шербоев, А.Абдуқодиров, Н.Нуров, З.Ӯлмасзода, М.Кенҷазода, М.Ӯрунова, З. Қӯрғонов ва н.и.ф, дотсентон М.Набизода, М.Аҳмадов, Ш.Ҳакимова, М.Мирмухаммедова, У.Абдурашидова, Д.Каримова, И.Бобоева, М.Бобоҷонова, М.Хоҷаева ва як нафар муаллими калон М.Раҳимова иштирок дошт.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи №8 аз 30-юми марти соли 2026-ум.

**Раиси ҷаласа** Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они факултети санъати тасвирӣ ва дизайни Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Мудири кафедра** Набизода Муҳаббат Набиҷон – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Котиби ҷаласа** Бобоева И. А.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**Маълумот барои тамос:**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1

Имзои Азизов А.А. Набизода М.Н. ва Бобоева И.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» Сайдуллозода З.С.